**Тақризи муқаррizи расмӣ**

**доктори илмҳои филологӣ, декани факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сироҷиддини Эмомалӣ ба диссертатсияи номзадии Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00. –Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик). – Душанбе, 2024. -192 с.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Сорбон яке аз нависандагони маъруфи муосири тоҷик буда, эҷодиёти ӯ серпаҳлу, доманадор ва гуногуннавъ аст. Бинобар ин, эҷодиёти ӯ борҳо мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифта, дар бораи паҳлуҳои мухталифи навиштаҳои иң адиби сермаҳсул на танҳо мақолаҳои алоҳида, балки рисолаҳои илмии ҷудогона ба вуҷуд омадаанд, ки хидматҳои барҷастаи ӯро дар насри муосири тоҷик бозгӯ мекунанд. Пешинаи таҳқиқ дар муқаддимаи рисолаи диссертант ба таври фишурда баррасӣ шудааст, ки аз огоҳии муаллиф дарак медиҳад. Замони истиқлол, ки ба нависанда шароити фарохи эҷодро фароҳам оварда, ба ӯ имкон дод, кидар ин давра ҳикоя, новелла, қисса ва романҳои зиёде таълиф намояд, вале ин марҳалаи эҷодиёти нависанда, ки то андозае нав мебошад, мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, интихоби мавзуъ нав ва актуалӣ мебошад.

Диссертатсия ба таҳқиқи таҳаввули насри муосир, дар мисоли эҷодиёти Сорбон, ки дар даврони истиқлоли давлатии Тоҷикистон таълиф шудаанд бахшида шудааст ва он бо шиносномаи ихтисоси илмӣ 10.01.00. – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) мутобиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертатсионӣ ба сархати 9-и «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020,

№ 503)» иртибот дошта, масъалаи гиромидошти забону адабиёт, осори гаронарзиши ниёгон ва таҳқиқи он дар шароити кунунӣ аз масъалаҳои актуалӣ ба шумор меравад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Ошкоро бояд гуфт, ки накди адабӣ, ки яке аз  самтҳои асосии танқиди адабиётшиносӣ мебошад, вале солҳои охир ба таври густарда, муназзам ва зарурӣ асарҳои адибони тоҷикро баррасӣ намекунанд. Албатта, ин сабабҳои айниву зеҳнӣ дорад. Ҳоло наметавон гуфт, ки маҷмуан бурду бохти насри адабии муосири тоҷик дар чист ва равандҳои таҳаввули умумии он кадом аст, дар баробари дастовардҳо, инчунин кадом нуқсонҳоро фаро мегирад. Оёҳамаиқаламбадастоне, ки китоб менависанд, воқеан нависандаи асил ҳастанд. Ин масъалаҳоест, ки бояд нақди адабӣ ба он посухи равшан ва дақиқ гӯяд. Аз ин манзар, таҳқиқи муҳаққиқи ҷавону умедбахш Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон» мубрам буда, ба бисёр масъалаҳои мавҷудаи накди адабии муосир ҷавоб мегӯяд ва ин худ гувоҳи актуалӣ ва муҳим будани таҳқиқи мазкурро тасдиқ менамояд.

Таҳқиқи МуҳаммадохироваҲ. И. нишон дод, ки насри муосири тоҷик дар мисоли эҷодиёти давраи истиқлоли Сорбон ба дастовардҳои муҳимми адабӣ расидааст, ки дар ин давра дар қатори Сорбон аз таълифоти мондагори Ӯрун Кӯҳзод, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самадов, Баҳманёр, Сайф Раҳим, Муҳаммадзамони Солеҳ, Муаззама, Муҳаммадраҳими Сайдар, Юнус Юсуфӣ  ва ғ. метавон ёдрас шуд. Бешубҳа, ҷойгоҳи нависандагии Сорбон дар ин миён аз ҳама бештар аст, зеро нисбат ба ҳамаи нависандагоне, ки зикрашон рафт, ӯ сермаҳсул буда, дар баробари чопи асарҳои ҷудогонааш, инчунин «Куллиёт»-и адиб дар ёздаҳ ҷилд чоп гардида, ки осори дар замони истиқлол навиштааш низ ба он ворид шудааст. Диссертант тавонистааст, ки бурду бохти эҷодии нависандаро дар ин рисолаи бисёр хуб бо таҳлилҳои амиқ,

мулоҳизаронихои доманадор ва баррасиҳои дақиқ бо мисолҳо аз осори нависанда нишон диҳад.

**Дарачаи навоварии натичаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навовариии диссертатсия дар он аст, ки аввалин маротиба ба таври комил ва муназзам вежагиҳои таълифоти дар даврони истиқлол эҷоднамудаи Сорбон ба доираи муомилаи илмӣ ворид шудаанд. Нуктаи дигаре, ки мебояд ба он таъкид кард, рисолаи номзадии диссертант бори аввал ба таври фарогир марҳалаи эҷодиёти нави нависанда дар давраи истиқлол, ки дар навбати худ як марҳалаи ҷудогона ва мустақили адабии Сорбон мебошад, мавриди таҳқиқ қарор гирифта, на танҳо ҷойгоҳи адабии нависандаро дар адабиёти муосири тоҷик, балки таҳқиқи ҳикояҳо, қисса ва романҳо дар ин давра таълифкардаи ӯ, аз ҷумла романҳои «Достони писари Худо» (2006), «Зарафшон» (1988-2007), «Кадевар» (2006), «Росу» (2009), «Барзгар.Зуза»(2017), «Шаҳрбону» (2019) ва қиссаи нави «Ҷӯгӣ» (2011), қиссаҳои «Спитамон» (2019), «Санам» (2019), «Забиба» (2019), «Оташкада» (2019), «Гӯрзод» (2019), «Ғори одамхор» (2019), маҷмуаҳои ҳикояҳо тахти унвони «Пиндор» (1995) ва «Марди танҳо» муқаррар ва муайян сохтааст.

Нуктаи характерноки диссертатсия дар он аст, ки ба василаи таълифоти ин давраи нависанда муҳимтарин масъалаҳои таърихи фоҷиабори халқ, симоҳои нотакрор, қаҳрамонҳои қавиирода, характерҳои барҷаста, манзараҳои хеле дилпазири табиати кӯҳистон, вазъиятҳои пуртазодду ихтилофангези ҳаёт, ҳиссиёти гуногуни ботини инсонҳоро бо забони нобу ширин, истифодаи калимаҳои нодир, таъбирҳои пурмаъно, ибораҳои муҷазу рехтаи халқӣ ва зарбулмасалу мақолҳои мардумиро таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Аз ин ҷиҳат, таҳқиқи ин падида ва саҳми нависанда дар чунин марҳалаи истиқлол, ки ба нависанда озодии баёнро арзонӣ доштааст, адиб тавассути асарҳояш тавонистааст, бисёр масъалаҳои ҳаёти имрӯзаи

Тоҷикистони муосирро баррасӣ намояд, ё бо руҷуи таърихӣ ба тафсили адабии достони писари Худо, яъне Искандари Мақдунӣ пардозад, ё таърихи фоҷеабори мардуми водии Зарафшонро дар чеҳраи Ниёзи кончӣ дар авоили Инқилоби Октябр ба риштаи тасвир кашад, ё фоҷиаи охир, ки бо номи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ёд мешавад, аз мавзуъҳои умдаи нависанда будааст, ки бешак дар рисолаи мазкур паҳлуҳои гуногуни он таҳлил шудаанд ва аз ҷумлаи дастовардҳои диссертант мебошанд.

Илова ба ин, муаллиф саъй кардааст, ки дар рисолаи хеш масъалаҳои дигари илмӣ, чун сабки фардӣ ва равишҳои эҷодии Сорбонро дар даврони истиқлол, хусусан вежагиҳои мавзуъ, мундариҷа, ҳунари нигорандании адиб, забони баён ва услуби нависанда дар марҳалаи нави эҷодиёти ӯ матраҳ намояд ва ба ин то андозае муваффақ шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаи диссертатсия дар 11 банди мукаммал оварда шуда, ба сифати тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ 4 пешниҳод манзур шудааст. Метавон ба ин натиҷа расид, ки муаллифи диссертатсия бо дарназардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ аз ҷумлаи дастовардҳо ва навовариҳои илмӣ ба ҳисоб меравaнд, ба дараҷаи илмии дархостшаванда лоиқ мебошанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00. – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) комилан **мувофиқат мекунад.**

**Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқи масъалаи мазкур** дар он зоҳир мешавад, ки барои аввалин  бор хусусиятҳои ғоявӣ ва ва бадеии насри

Сорбон дар даврони истиқлол таҳлилу таҷзия гардида, онҳо аз ҳайси илмӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Муҳтавои кори диссертатсионӣ, аз ҷумла дар таҳқиқи хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон замина фароҳам меоварад. Натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшуда донишҳои назариро дар таҳқиқи навъҳои адабии ҳикоя, повест ва роман, ки дар даврони истиқлоли Тоҷикистон офарида шудаанд, афзуда, дар навбати худ метавонад дар пажуҳишҳои минбаъда, ки ба насри муосири тоҷик марбутанд, мавриди истифода қарор бигирад. Кори диссертатсиониро метавон барои таълифи рисолаҳои илмӣ ҳамчун манбаъ истифода кард. Диссертатсия дар баррасии мухтассоти насри Сорбон, ки марҳалаи нави эҷодиёти ӯро фаро мегирад, ҳамчун сарчашмаи нави илмӣ хидмат карда метавонад ва дар замони муосир холигоҳе, ки дар накди адабӣ вуҷуд дорад, пур мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқ барои такмили омӯзишу пажуҳиши насри муосири тоҷик, дар мисоли асарҳои Сорбон, татбиқи барномаҳои таълимӣ доир ба омӯзиши адабиёти муосир дар мактабҳои миёна ва донишгоҳу донишгоҳҳои Тоҷикистон ташкили курсу семинарҳо оид ба адабиёти муосир, баррасии насри имрӯз ва таҳияи китобҳои дарсӣ мусоидат мекунад.

Маводи кори диссертатсиониро барои таълими адабиёти муосир дар мактабҳои олӣ, низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф, ташкили курсу семинарҳо дар факултетҳои филологӣ ва таҳияи китобҳои дарсиву таълимӣ истифода бурдан мумкин аст. Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст баррасии масъалаҳои насри муосир, аз ҷумла таҳлили мавзуии асарҳои Сорбон, сабку баёни онҳо ва ҳунари нависандагии адиб равшан шудааст.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Диссертатсияазмуқаддима, се боб, 9 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои амалии таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва интишорот дар мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия аҳаммияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифа ва объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаии ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тавзеҳ дода шудааст.

Боби якуми рисола **«Вежагиҳои мавзуӣ ва ғоявии эҷодиёти Сорбон дар даврони истиқлол»** ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввал, ки **«Вежагиҳои мавзуи ахлоқ ва иҷтимоиёт дар осори Сорбон»** унвон дорад, муаллиф осори адибро дар даврони нав бо истифода аз нафаси тозаи истиқлол ва арсаи фарохи эҷодӣ баррасӣ карда, ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеаи башарӣ–ахлоқ, ки дар эҷодиёти Сорбон ҷойгоҳивижадорад, мепардозад. Дар ин фасл диссертант муҳтавои ҳикояҳои "Ҷиян, "Хонаи нав", "Баҳодури каллабур", "Борони бало", "Сафари хонакалон", "Лола", "Ғори одамхор", "Афсона" ва романи "Шаҳрбону"-ро аз зовияи ахлоқ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ба ин натиҷа мерасад, ки яке унсурҳои мустаҳками ҷомеаи суннатии тоҷикон бар асоси ахлоқи ҳамида устувор буда ва имрӯз ин тамоил идома дорад. Нависанда бо таҷассуми ахлоқи писандида ё ахлоқи разила чеҳраҳои қаҳрамонҳои худро, аз қабили Мирзо (дар ҳикояи "Ҷиян"), Ҷавлону шавҳараш-Ёрмуҳаммад, Ҷавлону ошиқаш-Назир, ҳамсари Назир-Муаттар бо шавҳари хиёнаткор, писари Назиру Муаттар-Кабир (дар ҳикояи "Хонаи нав"), Сафар (дар ҳикояи "Сафари хонакалон"), Маннони фиребгар (дар ҳикояи "Борони бало"), Гулу Саидгулон (дар ҳикояи «**Ғори одамхор**») ва падари Калонхон-Саидакбар (дар романи «**Шаҳрбону**») ба тасвир мекашад ва муҳимтар аз ҳама унсурҳои ҳаёти имрӯзаи тоҷикони кӯҳистонро маҳз ба василаи ахлоқи онҳо ба мушоҳида гирифт. Ин падида дар адабиёти муосири тоҷик собиқаи дерин дошта, Сорбон низ аз он

моҳирона истифода кардааст ва гузашта аз ин ба диссертант муяссар шудааст, ки хислатҳои қаҳрамонони адибро ба воситаи ахлоқ бозкушоӣ ва таҳқиқ кунад.

Дар фасли дуюми боби аввал **«Инъикоси ҳаёти ҳамзамонон дар асарҳои нависанда»** ном дорад, диссертант саъй кардааст, ки масъалаҳои умдаи рӯзгори моро, аз қабили дар деҳаи матруки кӯҳистон танҳо мондани Қурбон ва накӯчидани ӯ ба водӣ, маҳрум шудани кампири Бимоҳ пас аз марги шавҳар аз манзил, баъд аз ҷустуҷӯҳои зиёд ёфтани фарзанд аз ҷониби модараш Забиба, рӯбарӯ шудани қаҳрамони романи «Зуза» Шубон ва Барзгар-қаҳрамони романи «Барзгар», ки ҳар ду бо мушкилоти ҷомеаи фурӯпошидаи буҳронӣ ва ҷангзада, ки ахлоқи ҷомеа ба ҳам рехтаву инсонҳо эътиборе надоранд, таҳлил мекунад. Нависанда бо тасвири ин гуна образҳо нақсу камбудиҳои ҷойдоштаи ҷомеаро баён мекунад ва мекӯшад, ки онҳо аз ҷониби масъулин ҳаллу фасли худро ёбанд. Албатта, чунин равиши таҳқиқ аз ҷониби Муҳаммадохирова Ҳ. И. равиши равонковона ё психологӣ буда, нишонгари он аст, ки нависанда бо дарду алам дардҳои нуҳуфта ва ногуфтаи ҳамзамонони худро бо қалами бисёр соҳираш ба тасвир мекашад ва ин гуна офариниши типии фардӣ характери қаҳрамонро барҷаста месозад, ки махсуси насри Сорбон мебошад. Масалан, дар ҳикояи «**Марди танҳо**» Қурбон иштирокчии асосӣ аст, ҳамдеҳагонаш ба ноҳияи Бӯстон кӯчидаанд, вале ӯ зодбуми аҷдодӣ, ба манзилу турбати гузаштагон, на танҳо бо назари эҳтирому арҷгузорӣ менигарад, балки муҳаббат ба хокбуми бобоӣ, пайванди қавию ногусастанӣ ба кӯҳистоне, ки хуни нофаш рехтааст, асолати ӯро нишон медиҳад, онро тарк кардан намехоҳад. Симои Қурбон, чунонки диссртант ба мушоҳида гирифтааст, бо он ки дар деҳи матрук танҳо мемонад, ба кӯчидан розӣ намешавад, бештар ҷаззоб менамояд. Маҳз ҳамин робитаи ногусастанӣ, пайванди маънавӣ ва ҷисмонии ӯ бо гузаштагон, ки мардро аз Деҳманора берун шудан намегузорад, рамзи робитаи насли имрӯзу фардо, пайванди гузаштагонуояндагон аст. Дар ин гуна асарҳои Сорбон

мактаби насри психологӣ, ки нависандаи маъруфи тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев бунёд гузошта буд, такмил ёфта, ҳикояи муосирро на танҳо аз лиҳози бурунмоя, балки аз ҳайси дарунмоя низ ташаккул додааст. Диссертант дуруст таъкид мекунад, ки муҳимтарин асолати жанрию сабкии ҳикояҳои Сорбон дар заминаи қавии реалистӣ доштани он зоҳир мегардад.

Дар фасли сеюми боби аввали диссертатсияи мавриди гуфтугӯ, ки "**Тасвири симои зани тоҷик дар осори Сорбон**" номгузорӣ шудааст, муҳаққиқ таваҷҷуҳи аҳли назарро ба тасвири симои зани тоҷик дар осори Сорбон ҷалб менамояд. Ҳадафи ин гуна масъалагузорӣ дар диссртатсия, пеш аз ҳама, нишон додани нақши занон дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик, озодӣ ва баробарҳуқуқӣ, нақшу иштироки зан дар ҳаёти сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, бозтоби симо ва нишон характери зани тоҷик аз буъдҳои гуногун дар таҳаввул ва инкишофи насри бадеии замони истиқлол ниҳоят муҳим мебошад. Чунонки диссертант ба мушоҳида гирифтааст, Сорбон ба василаи офаридани ин гуна қаҳрамонзанҳо, ки бахши аъзами навиштаҳои ӯро ташкил менамояд, дар таҳаввулу татаввури анвои насри реалистии тоҷик ҷойгоҳи муҳимро ишғол намуда, дорои сабки хос доштани Сорбонро таъкид менамояд, ки ҳақ ба ҷониби ӯст. Дар ин фасл характерҳои равонии симоҳои зани тоҷик, чун Ороста аз романи "Баргзар", Гул аз қиссаи «Ғори одамхор», Шарифа аз романи «Шарифа», Саидабону аз ҳикояи «Табари хунолуд», Гулсимо аз ҳикояи «Гови Мир», Бимоҳ аз қиссаи «Рағза», мавриди таҳлилубаррасииҳамаҷонибақарор гирифта, аз тариқи тадқиқи бадеии нависанда ҳаёти маънавӣ ва муаммоҳои ахлоқию фалсафии рӯзгори муосир мунъакис шудаанд, ки ҳунари баланди нигорандагии адибро дар бозкушоии масъалаҳои иҷтимоӣ ва бо муаммоҳоиахлоқию равонӣ барҷаста нишон медиҳад.

Диссертант дуруст таъкид мекунад, ки дар тамоми марҳилаҳои эҷодии Сорбон симои зани тоҷик равшан ҷилвагар буда, рӯзгору корномаи занон дар мушкилтарин ва ҳассоситарин вазъиятҳои ҷомеа, ба

мисли барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ ва задухӯрд бо дастаҳои босмачиён, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, обод кардани харобаҳои ҷанг ва муҳоҷирати меҳнатӣ тасвир ёфтаанд ва бар ин асос Сорбонро ҳамчун нависандаи замон ва иҷтимоӣ шинохт.

Боби дуюми рисола таҳти унвони **«Бозтоби таърихи кишвар дар эҷодиёти Сорбон дар даврони истиқлол»** буда, аз се фасл иборат аст.

Дар фасли якуми он «**Ҳунари нигорандагии Сорбон дар инъикоси таърих»** номгузорӣ шудааст, диссертант кӯшишкардааст, ки таваҷҷуҳи хонандаро ба ҳанари таърихнигории адабии Сорбон ҷалб намояд. Ва дар ин росто, муаллиф дуруст ба натиҷа мерасад, ки Сорбон ба мавзуи таърих ҳанӯз аз аввали солҳои эҷодиёти худ таваҷҷуҳ дошта, бо истифода аз ҳунари вежаи таърихнигорӣ тавонистааст, ки зиддиятҳои пурихтилофи ҳаводиси айём, ҳақиқати таърихиро аз рӯйи имкон ва шароит гоҳ пурра ва гоҳ ҷо-ҷо воқеънигорона ба риштаи тасвир кашад. Ин ҳунари нависанда дар марҳалаи нави эљодиёташ, яъне замони истиқлол вусъат ёфта, ба вежа Сорбон аз ин фазои пурвусъат ва озоди эҷодӣ моҳирона истифода бурд, ки таълифоташ гувоҳи равшани он аст.

Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки нависандае, ки дар зери фишори сахти сиёсатмаобон, чаҳорчӯбаи дастуроти хушки сиёсимазмуни давр мекӯшид, асарҳои ҷолибу рангин офарад, ҳамакнун бо таҷрибаи зиёд ба таълифи асарҳои арзишманд оғоз намуд. Ба ин гуфта романҳои «Спитамон», романи сегонаи «Зарафшон», «Туғрал» ва «Достони писари Худо» мисол шуда метавонанд, ки қаҳрамонони ин асарҳои адиб шахсиятҳои таърихӣ буда, нависанда дар онҳо таърихи бадеии як давраи муҳимми таърихии рӯзгори мардумро бозгӯӣ карда тавонистааст.

Дар фасли дуюми боби дуюми диссертатсия масъалаи **«Баррасии мавзуи ҷанг дар осори Сорбон»** баррасӣ мешавад,таъсири харобкоронаи ҷанг дар сарнавишти инсонҳо дар осори Сорбон мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Ҷолибии осори нависанда аз нигоҳи диссертант дар он аст, "гуруснагии мардуми ақибгоҳ дар рӯзҳои наҳси Ҷанги Бузурги Ватанӣ,

азобу укубати чанг, ба мисли нодорӣ, камбуди ғизо, хусусан нон дар асарҳои нависанда” бо нигоҳи адабӣ бозгӯӣ шуда, аз вазъи душвори он рӯзгор ҳикоят мекунад. Масалан, дар ҳикояи «Моҳиҳо нонреза мехӯранд» ба нависанда муяссар шудааст, раванди зиддиятҳои ботинӣ, задухӯрдҳои мураккаби психологии қаҳрамон дар ақибгоҳ ва майдони ҷангро ба тасвир бикашад ва зимнан офаридани характери барҷаста ва мукаммал ба ӯ даст додааст. Илова ба ин, ба диссертант муяссар шудааст, ки ташаккули характери инсон дар душвортарин лаҳзаҳои ҳаётро аз диди бадеии нависанда баён шудаанд, аз лиҳози илмӣ тадқиқ кунад.Ба ин ҳикояҳои «Кӯрофтоб», «Суфрадузд», «Моҳиҳо нонреза мехӯранд», «Санги лағжон» ва «Бодбарак» мисол шуда метавонанд, ки мавриди таҳлил қарор гирифта, муаллиф бо такя ба дастовардҳои эҷодии нависанда ва таҳқиқи осори нависанда аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик таваҷҷуҳи хонандаро ба раванди марҳалаҳои эҷодии Сорбон ҷалб мекунад. Ин нукта низ муҳимаст, ки муаллиф дар баробари зикри дастовардҳо ба нақсу камбуди эҷодиёти адиб аз ҷониби мунаққидон ҳам ишораҳои ҷолиб дорад (с.57,58, 84).

Фасли сеюми боби дуюм ба мавзуи «**Инъикоси воқеаҳои солҳои навадуми садаи XX дар асарҳои адиб**»ихтисос ёфта, муаллиф ба ин натиҷа расидааст, ки воқеаву ҳодисаҳои маълуми солҳои навадуми садаи гузашта бо ҳама ваҳшонияту даҳшатҳое, ки рух дода буд, дар санаду таърихномаҳо, дар осори адибони замон, аз ҷумла Сорбон низ аз лиҳози бадеӣ бозтоб ёфтаанд. Диссертант дар фасли мазкур ҳикояҳои «Сангшикан», «Пиндор», «Якгӯша», «Русбачча», «Санам», «Сом», «Ангон» ва романҳои “Ҷугӣ” (қисми 2), “Кадевар” (қисми 2) ва “Шаҳрбону”-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, ба ин хулоса мерасад, ки: “Сорбон қаҳрамонҳоро дар майдони набард бо ҷангҷӯёни бадхоҳ не, балки руҳия, ҳаёти пурхавфу хатар ва талоши умедворонаи онҳоро бахри ҳаёти пурсаодат дар лаҳзаҳои ҳаётсӯз ва зиндагикуши замони ҷанг тасвир кардааст. Ин тарзи тасвир ба нависанда имкон додааст, ба

ниҳонхонаи дили инсон, ба ботини ӯ назар андӯхта, ҳама ҳиссиёту ҳаяҷон, ҳама шӯри ботинии ӯро дар замони пурхатари ҷанг, ҳама эҳсоси ӯро дар рӯ ба рӯйи силоҳдорон нишон дода, таъсири манфии ҷангро дар ҳаёт, дар сарнавишти инсонҳо таъкид намояд" (дисс., с.121).

Боби сеюми **«Вежагиҳои ҳунарии эҷодиёти Сорбон дар даврони нав»** номгузорӣ шуда, яке аз бобҳои муҳимми рисола мебошад. Боби мазкур низ аз се фасл иборат аст. Дар фасли якуми он масъалаи**«Вежагиҳои сабки Сорбон дар эҷоди новелла»** баррасӣ шуда, мулоҳизаҳои диссертант ҷолиб буда, Сорбонро ҳамчун нависандаи навпардоз ва маъниофар муаррифӣ карда, ба ин хулоса расидааст, ки: "Сорбон худро ҳамчун носир маҳз тавассути жанри ҳикоя муаррифӣ карда, дар ин жанр бо ҷолибият, хунари нигорандагии воло, услуби вежаи муайян ва тасвири характерҳои қавӣ ва тавонманд ҳамчун адиби навпардоз дар адабиёти на танҳо тоҷик, балки адабиёти шуравӣ нақши басо муҳим дошт. Боиси тазаккур аст, ки дар давраи дуюми эҷодиёти адиб, ки даврони истиқлолро дар бар мегирад, ӯ ба таълифи новелла ё ҳикояҳои хурд шуруъ кард, ки имрӯз дар осори ӯ мавқеи вежаеро доранд" (дисс., с. 132), ки аз лиҳози гузориши масъала муҳиммебошад.

Адиб дар пайравӣ аз осори бузургони адаби гузаштаи мо, чун «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Муҳаммад Авфии Бухорой, «Гулистон»-и Шайх Саъдӣ ва «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ба навиштани резаҳикоёт ё новелла оғоз карда, ба муваффақиятҳои эҷодӣ низ муяссар гардидааст. Диссертант новеллаҳои Сорбонро аз рӯи сохт ва тарзи баён, нигориш, инчунин ҳаҷм ба ду қисмат ҷудо кардааст, ки дуруст мебошад:

1. Ҳикояҳои хурде, ки дар онҳо адиб воқеаеро, ҳодисаеро кушода додааст, ба мисли ҳикояҳои «Айби дандони фитода», «Бистари марг», «Бӯйи ватан», «Занмурда», «Рӯ ба рӯи гӯристон»,«Гурги мода», «Шоҳидони дузд». Боиси зикр аст, ки бархе аз ин ҳикояҳо ба мисли ҳикояҳои «Гурги мода», «Шоҳидони дузд» аз рӯйи мазмун, тарзи баён ва

сохтор, услуб ва устухон бандӣ аз новелла дида ба ҳикояи анъанавӣ монанд ҳастанд.

2. Инчунин ҳикояҳое, ки ба мисли ҳикояи «Модари пир», «Буксир», «Пиёла», «Шамшер», «Мунда», «Судхӯр», «Дилсӯзӣ», «Даҳана», «Ниёзи Пашмак» ва «Дом» оҳанги танз, ҳаҷв, киноя дошта, аз рӯйи мазмун ва сохт ба латифа шабоҳатдоранд ( дисс., с. 133).

Дар фасли дуюми боби сеюм Муҳаммадохирова Ҳ. И., ки “Тамсил ва рамз дар эҷодиёти нависанда” унвон гирифтааст, масъалаи корбасти тамсил ва рамз дар эҷодиёти нависандаро мавриди таҳқиқ қарор дода, идома додани суннати навиштани китобҳои тамсилӣ, чун “Калила ва Димна”-ро, ки аз ҷониби Сорбон асосан дар романи “Росу” анҷом пазируфтааст, шоистаи таҳсин медонад. Диссертант дар баробари ин, ҳикояҳои тамсилии нависандаро мисли «Вафодор», «Шер», «Аз ҳама хурд», «Майна» ва «Шер ва дигарон» ба ин жанри адабӣ мансуб дониста, корбасти мақолу зарбулмасалҳоро дар ин асарҳо, ки дарунмояи онҳоро рангин ва дар навбати худ муассир месозанд, аз муваффақияти адиб баршумурдааст.

Дар фасли сеюми боби сеюм **«Сабки баёни осори Сорбон»** мавриди пажуҳиш қарор гирифта, диссертант ба ин натиҷа расидааст, ки: “Забон ва сабки баёни осори Сорбон равону сода буда, нависанда аз гӯйишҳои мардумии водии Зарафшон фаровон истифода кардааст. Воситаҳои фолклорӣ, мисли истифодаи зарбулмасалу мақол имкониятҳои бадеии насрро ғанӣ намуда, омили муҳимми таъсирнокии сухани муаллиф гардидааст” (дисс., с. 155). Яке аз вижагиҳои насри Сорбон он аст, ки нависанда калимаҳои лаҳҷавӣ ва нодирро вориди осори худ кардааст, ки ба он тароват ва малоҳати хосса бахшидааст. Калима ва таркибҳои “ҳанг”, “думдароз”, “чашмони боз”, шабдор”, “торат шикастан”, “ғиҷоба”, “ғич кардан” ва садҳои дигар ба ин мисол шуда метавонанд.

Бояд гуфт, ки дар диссертатсияи мавриди гуфтугӯ дар баробари дастовардҳо баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши илмии пажуҳиши мазкурро меафзояд:

1. Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ бештар ба навиштаҳои ватанӣ тамаркуз шудааст, муаллифро мебоист аз таҳқиқоти донишмандони хориҷӣ, хусусан рус бештар истифода мекард, дар ин сурат баҳс баррасиҳои ӯ ҷолибтар мешуд.

2. Яке аз вежагиҳои муҳимми таҳқиқи мавриди гуфтугӯ баррасии мавзуии осори нависанда мебошад, ки диссертант асосан аз ҳамин равиш истифода кардааст, дуруст аст. Вале агар онҳоро аз рӯи жанрҳои адабӣ, масалан ҳикоя, повест ва романҳои Сорбон карда, мушаххасоти онҳоро бо дастабандиҳои илмӣ баррасӣ менамуд, арзиши кори ӯ дучанд мегардид.

3. Баъзан дар рӯихати адабиёт камбудиҳо ба назар мерасад, гохе соли нашри онҳо навишта нашудаанд. Онҳоро бояд ба муқарраароти асарҳои илмӣ мувофиқ кард, ки ин масъала барои шинохти асари илмӣ муҳим мебошад.

4. Дар автореферати диссертатсия масъалаи сабку услуби осори Сорбон ба таври фишурда баён мешавад, ки он ҳамаи паҳлуҳои масъалаҳои фасли мазкурро дар фишурдаи кор равшан намесозад.

5. Дар матни диссертатсия баъзан хатоҳои имлоиву техникӣ ба назар мерасанд, ки онҳоро ислоҳ бояд кард.

Камбудиҳое, ки зикраш гузашт, моҳияти илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ба сифати мулоҳизаҳои тавсиявӣ манзур шудаанд.

Диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00. – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **мутобиқ мебошад.**

Илова ба ин, диссертатсияи Муҳаммадохирова Ҳанифамо Иброҳимовна дар мавзуи «Хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеии насри Сорбон дар даврони истиқлоли Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиётшиносӣ (10.01.00 – Адабиёти тоҷик) ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯй иихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик) сазовор аст.

**Муқаррризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
декани факултети филологияи тоҷики
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сироҷиддини Эмомалӣ

Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев,
хонаи 150/2 х 34.
sirojiddin1975@mail.ru

«Имзои доктори илмҳои филологӣ
Сироҷиддини Эмомалиро тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавкиев Э.Ш.
«20» августи соли 2024

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
щахри Душанбе, кӯчаи Дилкушо, бинои 28/1.
Тамос: Тел.: (+992) 907- 79-82-65-25
Email: homidov65@mail.ru
Сомона: ww.tnu.tj